HelpAge International

age helps

# ГУЗОРИШ оиди ОМӮЗИШИ МУНОСИБАТ НИСБАТИ ПИРОНСОЛОН дар ТОҶИКИСТОН



Душанбе 2013

Муаллиф Насима Назриева

Созмони Байналхалқии Дастгирии Пиронсолон (HelpAge International)
Кӯч. Исмоили Сомонӣ 20, Хонаи 10
Душанбе 734025
Тоҷикистон
Тел: + 992 (44) 600 70 17

Тадқиқоти мазкур бо дастгирии молиявии дафтари UNFPA дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расид. Фикру ақидаҳое, ки дар маводи мазкур оварда шудаанд, ифодагари назари UNFPA дар Тоҷикистон намебошад.

## Мундарича


1. Тамоюли хушунати ҷинсӣ дар Тоҷикистон . . . 4
1.2. Хизматрасониҳои дастрас оиди хушунат дар Тоҷикистон . . . 7

2. Меъёри муносибати зӯроварӣ нисбати пиронсолон дар Тоҷикистон . . . 9
2.1. Хушунат нисбати пиронсолон чист? . . . 9
2.2. Намудҳои хушунати нисбати пиронсолон . . . 9
2.3. Чаро хушунат нисбати пиронсолон рӯй медиҳад . . . 11

3. Меъёри хушунат нисбати пиронсолон дар маҳалҳои интихобшуда.
Натиҷаҳои пурсиши ҳамаҷониба . . . 14
3.1. Вилояти Суғд . . . 15
3.2. Ноҳияҳои тобеи марказ . . . 16
3.3. Вилояти Хатлон . . . 17

4. Хулоса ва пешниҳодот . . . 18

5. Методология . . . 20
5.1. Демографияи пурсиш . . . 21

6. Рӯйхати адабиёт ва сарчашмаҳо . . . 22

## 1. Тамоюли хушунати ҷинсӣ дар Тоҷикистон

Хушунати ҷинсӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон дар давоми ҷанги шаҳрвандии солҳои 1990 ва баъд аз он падидаи маъмул гаштааст. Муаммоҳо махсусан дар давраи гузариш ба масоили мубрам табдил ёфтанд. Бекорӣ, камбизоатӣ, нобаробарии иҷтимоӣ боиси баланд шудани сатҳи хушунати рӯҳӣ, ҷинсӣ ва ҷисмонӣ нисбати занон дар Тоҷикистон гаштааст.

Тибқи гузориши Созмони Авфи Байналхалқӣ (САБ) (2011) дар Тоҷикистон аз сеяки занон сар карда то нисфи онҳо аз тарафи шавҳар ва ё дигар аъзоёни оилаашон зӯроварии ҷисмонӣ, ҷинсӣ ва рӯҳиро аз сар мегузаронанд. Одатан занҳо зарари хушунати рӯҳиро аз сар мегузаронанд, ки он нисфи парвандаҳои ба маркази бӯҳронӣ муроҷиаткардаро ташкил медиҳад.

### Ҷадвали 1: Намудҳои хушунат




*Сарчашмаи маълумот: Гузориши Бозрикова (2011)*

Тибқи маълумоти Маркази Бӯҳронӣ одамон ба марказҳо асосан бо масъалаҳои хушунат муроҷиат менамоянд, ки 56.6%-и ҳамаи парвандаҳоро ташкил медиҳанд. Бо масоили кӯмаки моддӣ ва ё дигар намуди кӯмакҳо одамон хеле кам муроҷиат мекунанд.

### Ҷадвали 2: Муроҷиат ба маркази бӯҳронӣ




Бо вуҷуди он, ки дар парвандаҳо ҳолатҳои дучори хушунати дохилиоилавӣ гаштани мардон ҳам ҳаст, лекин қурбони асосии хушунатҳои гуногун занон мебошанд.

## Чадвали 3: Тақсимоти хушунат нисбат ба чинс




*Сарчашмаи маълумот: Гузориши Бозрикова (2011)*

Маркази маълумотии Марказҳои Бӯҳронӣ дар тамоми Тоҷикистон нишон медиҳанд, ки намояндагони ҳамаи гурӯҳҳои синннусолии одамон, ҳамаи касбҳо ва намояндагони дорои маълумотҳои гуногун дучори зӯроварӣ мешаванд.

## Чадвали 4: Маълумот оиди сину сол




Чадвал нишон медиҳад, ки занҳои синнашон аз 30-49 бисёр вақт бо парвандаи хушунат мурочиат мекунанд, лекин инчунин ин нишон медиҳад, ки занҳои аз 50-сола боло низ хушунатро аз сар мегузаронанд.

## Чадвали 5: Касбу кори мурочиаткардагон




*Сарчашмаи маълумот: Гузориши Бозрикова (2011)*

Созмони Байналхалқии Тандурустӣ (СБТ) соли 1999 дар асосӣ омӯзиши худ гузориш додаст, ки дар байни вилоятҳо нобаробарии муносибати бераҳмона мушоҳида мешавад. Тадқиқот нишон додааст, ки дар Хатлон нисбат ва дигар вилоятҳо занҳо муносибати зӯроварии ҷисмонӣ, ҷинсӣ ва рӯҳиро зиёдтар дучор мешаванд. Гузориши Оҷонсии Байналмилаии Ҳамкории Ҷопон (ОБҲҶ) (2008) низ маълумоти СБТ-ро тасдиқ мекунад. Ин нукта бо далели маҳз дар ин минтақа оғоз ёфтани ҷанги шаҳрвандӣ қувват дода шуд.

Соли 2011 миқдори онҳое, ки ба маркази бӯҳронӣ дар шаҳри Қурғон-теппа дастрасӣ пайдо карданд, дар муқоиса бо тамоми марказҳои дар Тоҷикистон буда тақрибан ба 60% расид. Ин миқдор аз соли 2010 инҷониб 45% зиёд шуда буд.

**Ҷадвали 6: Миқдори муроҷиаткардагон**




**Ҷадвали 7: Миқдори муроҷиаткардагон**




*Сарчашмаи маълумот: Гузориши Бозрикова (2010/2011)*

Сабаби асосии хушунатро пинҳон кардан ин ҳузури меъёрҳои мадание мебошанд, ки монеи оиди дучори зӯроварӣ шудани худ маълумот додани занон мешаванд. Тибқи маълумоти Маркази Бӯҳронии «Боварӣ», ки воқеъ дар Кумитаи «Кор бо занон ва оила»-и шаҳри Душанбе мебошад, «занҳо хушунати дохилиоилавии оилаи худро ошкор намекунанд. Агар онҳо зидди шавҳари худ маълумоте диҳанд, шавҳарашон ҷавобашонро медиҳад. Ин занҳо аз ҷиҳати иқтисодӣ тобеи шавҳари худ мебошанд ва онҳо худ кор надоранд. Масъалаи хушунати дохилиоилавӣ ҳеҷ гоҳ ба марказҳои ҳуқуқии мо бардошта нашуда буд, лекин ҳангоми оиди талоқ маслиҳат додан ин муаммо мавриди баҳс қарор мегирад. Масъалаи мазкур ҳеҷ гоҳ озодона баррасӣ карда намешавад. Ин аз сабаби нақши нобаробари намояндагони ҷинсҳои мухолиф ва бартарии мардҳо мебошад.”

Тибқи гузориши Адолати Ғайрирасмӣ(2012) қисми зиёди занҳо аз тарси чораҳои ҷавобии шавҳарон ва ё ҷавоби номувофиқи полис ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки дар натиҷа ҷинояткорон беҷазо мемонанд, хушунати нисбати онҳо раво дида шударо ошкор намекунанд.

Пӯшида нигоҳ доштани хушунати дохилиоилавӣ хеле паҳн шудааст. Натиҷаҳои пурсиши Созмони Авфи Байналхалқӣ (2010) нишон доданд, ки танҳо 4.1%-и онҳое, ки аз хушунати дохилиоилавӣ наҷот ёфтаанд, ба полис хабар додаанду халос. Қурбониёни хушунатро полис баръакс айбдор мекунад ва онҳо барои бар зидди хушунаткорони худ ба полис шикоят кардан метарсанд ва ноумед мешаванд. Тибқи маълумоти Ташкилотҳои Ҷамъиятӣ (ТҶ) ва наҷотёфтагон, корманди полис занро масхара ва барои «рафтори ношоям»-аш гунаҳкор кардааст. Ҳамчунин аз тарафи Кормандони Маркази Бӯҳронӣ қайд карда шуд, ки кормандони полис низ мисли дигар аъзоёни ҷомеа ақида доранд, муаммоҳои оилавӣ бояд дар хона монанд ва одатан чунин шикоятҳоро ҷиддӣ қабул намекунанд.

Хушунати дохилиоилавӣ аз тарафи муассисаҳо ва мақомотҳо ба таври васеъ «масъалаи дохилиоилавӣ» гӯён сарфи назар карда мешавад, то ки пойдории нақши анъанавии намояндагони ҷинсҳои мухолифро дар ҷомеа таъмин кунанд. Ақидаи хеле маъмул ин аст, ки он бояд аз тарафи худи ҳамсарон ва ё наздикони онҳо дар дохили оила ҳал карда шавад. Наҷотёфтагони хушунати дохилиоилавӣ онро ошкор накарда таҳти фишори доимӣ зиндагӣ мекунанд. Чунки онҳо аз талоқ метарсанд, ки шармандагие, ки дар натиҷаи он ба сари онҳо бор карда мешавад аз шармандагии хушунат ҳам бадтар аст. Натиҷаҳои пурсиши вилояти Хатлон дар соли 2005 нишон доданд, 58.5%-и аҳолии дучори зӯроварӣ шуда оиди масъалаи хушунати оилавӣ ба ҳеҷ кас ошкор накардаанд. (САБ 2010).

Беҷазо мондани хушунатгарони дохилиоилавӣ боиси он мегардад, ки онҳо ҷинояти худро такрор кунанд. Маълумоти омории Марказҳои Бӯҳронӣ нишон медиҳанд, ки 80%-и қурбониёни хушунат такроран дучори зӯроварӣ шудаанд.

**Ҷадвали 8: Ҷинояти такрорӣ**




*Сарчашмаи маълумот: Гузориши Бозрикова (2011)*

Паҷуҳиши мазкур муайян кард, ки соли 2001 аз ҳисоби умумии ҳамаи ҷиноятҳое, ки Вазорати Корҳои Дохилии ҶТ ба қайд гирифтааст, 18.4% ҷиноятҳои зидди занон мебошад. Нишондиҳандаи мазкур рӯ ба афзоиш буда соли 2008 ҳиссаи ҷиноятҳои зидди занон 23,4%-ро ташкил кардааст.

## 1.2. Хизматрасониҳои дастрас, оиди хушунат дар Тоҷикистон.

Дар давоми омӯзиш хизматрасониҳои зерин барои кор бо масъалаи зӯроварӣ нисбати пиронсолон муайян карда шуданд.

Дар Тоҷикистон 10 марказҳои Бӯҳронӣ фаолият мебаранд. Яке аз онҳо бо номи

назди Кумитаи кор бо Занон ва оила фаолият бурда боқӣ 9-тои дигарро ТҶ дастгирӣ мекунанд. Марказҳои Бӯҳрониро асосан донорҳо аз «Пешгирии Хушунати Дохилиоилавӣ»--барнома оиди пешгирии хушунати оилавӣ, ки онро Созмони Дастгирии Швейсария, САҲА ва ИҶК маблағгузорӣ мекунанд, дастгирӣ мекунанд.

Масалан, соли 2011 Маркази Бӯҳронӣ кӯмаки психологӣ ва дигар хизматрасониҳои дар ҷадвали зерин овардашударо фароҳам овард.

**Ҷадвали 9: Кӯмаки марказҳо**




Маркази маълумотҳои ягона мавҷуд аст, ки оиди осебдидагони хушунати ҷинсӣ, шаклҳои хушунат, навъҳои кӯмаки пешниҳодшуда аз рӯи вилоят, синну сол ва ғайра маълумотро ҷамъоварӣ мекунад.

## Ғамхории иҷтимоии рӯзона дар хона барои пиронсолон

Дар тамоми Тоҷикистон 45 шуъба ва ё оҷонсиҳо фаолият мекунанд, ки ба пиронсолон дар хона кӯмаки иҷтимоӣ мерасонанд, лекин ин хизматрасониҳо ҳамаи шаҳр ва навоҳии кишварро фаро намегиранд. Ҷадвали меъёри хизматрасонӣ, ки ғамхории махсусро дар хона фарогир аст аз land.kiev.ua/opm/ дастрас кардан мумкин аст.

Ғамхории иҷтимоӣ мунтазам дар 2 ҳафта як маротиба расонида мешавад. Ҳар як корманди иҷтимоӣ барои як нафар маъюб ва ё пиронсол вазифадор карда шудааст ва ҳар ду тараф бо ҷадвали корӣ ба мувофиқа омадаанд. Ҳамаи чизҳои зарурӣ аз ҳисоби шахсе, ки ба ӯ ғамхорӣ расонида мешавад, харида мешаванд.

Рӯйхати ғамхории иҷтимоӣ, ки аз тарафи кормандони иҷтимоӣ дар хона фароҳам оварда мешаванд:

- Тозакунии хона
- Хизматрасонӣ ба кӯдакони маъюб
- Кӯмак барои дастрас кардани нафақа
- Харидани доруворӣ
- Харидани маводи хӯрока

Бо вуҷуди он, ки кори мазкур ғамхории махсус номида шудааст, кормандони иҷтимоӣ кори зиёде ҳам намекунанд. Онҳо асосан ба пиронсолон ва шахсони маъюб кӯмаки ҷисмонӣ мерасонанду халос.

**Панҷ нуқтаи полис (мутахассисон), ки бо хушунати дохилиоилавӣ сару кор доранд**

Моҳи августи соли 2010, 5 нуқтаи полис барои бо масоили хушунати дохилиоилавӣ кор кардан дар ш. Душанбе ва дигар шаҳрҳо боз шуданд. Кормандони он нуқтаҳоро Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) махсус барои бо масоили хушунати дохилиоилавӣ кор бурдан омода карда буд. Тибқи маълумоти САҲА ин гуна нуқтаҳои полис дар Осиёи Марказӣ ягона мебошанд. САҲА ҳукумати Тоҷикистонро водор кард, ки қонунро оид ба хушунати дохилиоилавӣ, ки соли 2007 боз дар ҳолати бозбинӣ қарор дорад, қабул намояд. Бо вуҷуди он, ки дар ш. Душанбе якчанд нуқтаҳои полис ҳастанд, ки занҳо дар онҳо барои бар зидди хушунати дохилиоилавӣ мубориза бурдан фаолият мебаранд, лекин ҳануз чунин нуқтаҳо берун аз шаҳрҳо амал намекунанд.

## 2. Меъёри муносибати зӯроварӣ нисбати пиронсолон дар Тоҷикистон

### 2.1. Хушунат нисбати пиронсолон чист?

Умуман, хушунат нисбати пиронсол гуфта амали барқасдона ва хунукназарӣ нисбати пиронсоли осебпазир аз тарафи ғамхор ва ё ягон нафари дигарро мефаҳманд, ки ин амал ба ӯ осеб мерасонад ва ё ӯро дар хатари осебпазирӣ мегузорад. Дар маънои васеъаш хушунат нисбати пиронсолон муносибати зӯроварии ҷисмонӣ, ҷинсӣ ва ҳиссӣ, сӯистифодакунии молиявӣ ва тарккуниро дар бар мегирад.

**Хушунати ҷисмонӣ** – расонидани озори ҷисмонӣ ё ҷароҳати назаррас ба монанди шаппотӣ, лату кӯб ё бо воситаи маводҳои кимёвӣ иҷборан нигоҳ доштан.

**Муносибати хунукназарона** – беэътиноӣ нисбати ӯҳдадориҳои худ дар назди пиронсолон аз қабили фароҳам наовардани озуқа, сарпаноҳ, ғамхории тиббӣ ва ҳифз накардан.

**Хушунати руҳӣ** – расонидани озори рӯҳӣ, ғам додан, андӯҳгин кардани пиронсолон тавассути рафторҳои нутқиву ғайринутқӣ аз қабили таҳқир, тарсонидан ва таҳдид.

**Хушунати ҷинсӣ** –алоқаи ҷинсӣ бе розигии як тараф

**Суистифодаи молиявӣ/иқтисодӣ** – азхудкунӣ, суистифода ва пинҳон кардани маблағ, нафақа, моликият ва ё чизҳои арзишманд бар фоидаи ягон шахси дигар.

**Тарккунӣ** –тарк карда шудани пиронсоли осебпазир аз тарафи шахсе, ки ӯҳдадории ғамхорӣ ва сарпарастии ин пирансол дар дӯши уст.

### 2.2. Намудҳои хушунат нисбати пиронсолон

Тибқи натиҷаи пурсиши ҷумҳуриявие, ки маркази геронтологии кишвар гузаронидааст, намудҳои асосии хушунат, ки пиронсолон дучори он мешаванд, хушунати психологӣ ва иқтисодӣ мебошад. Ҷадвали мазкур нишон медиҳад, ки пиронсолон асосан хушунати психологиро аз сар мегузаронанд, ки 60%-ро ташкил медиҳад. 30%-и дигарро хушунати иқтисодӣ ташкил медиҳад, ки дар он пиронсолон нафақаи худро дастрас намекунанд ва ё аз тарафи оилаи худ таъмин карда намешаванд.

**Ҷадвали 10:**

| Намудҳои муносибати бераҳмона нисбати пиронсолон | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ақидаи | *Шаҳр* | | *Маҳалла/деҳа* | | *Ҳамагӣ* | |
| | нафар | % | нафар | % | нафар | % |
| Ҳамагӣ | 52 | 100,0 | 35 | 100,0 | 87 | 100,0 |
| Хушунати ҷисмонӣ | - | - | 2 | 5,7 | 2 | 2,6 |
| Аз хона ронда шудан | 0 | 0,0 | 2 | 5,7 | 2 | 2,6 |
| Хушунати психологӣ | 23 | 54,8 | 23 | 65,7 | 46 | 59,7 |
| низоъ | 9 | 21,4 | 8 | 22,9 | 17 | 22,1 |
| хунукназарӣ | 11 | 26,2 | 12 | 34,3 | 23 | 29,9 |
| Таъмин накардан | 3 | 7,1 | 3 | 8,6 | 6 | 7,8 |
| Хушунати иқтисодӣ | 15 | 35,7 | 8 | 22,9 | 23 | 29,9 |
| Истисмор | 2 | 4,8 | 0 | 0,0 | 2 | 2,6 |
| Таъмин накрдан | 13 | 31,0 | 8 | 22,9 | 21 | 27,3 |
| Дигар намудҳо | 14 | 33,3 | 2 | 5,7 | 16 | 20,3 |

Пурсиши мазкур ҳамчунин нишон дод, ки пиронсолони шаҳр (16,5%) аз пиронсолони деҳот (7,8%) дида зиёдтар дучори хушунат мешаванд.

Лекин баъзе далелҳои Марказҳои Бӯҳронӣ  аз он шаҳодат медиҳанд, ки хушунат дар деҳот зиёд аст.

**Ҷадвали 11: Шумораи ҷабрдидагон вобаста бо маҳали зист**




*Сарчашмаи маълумот: Гузориши Бозрикова (2011)*

Тибқи натиҷаҳои пурсиши мо навъи аз ҳама паҳншудаи хушунат  хунукназарӣ мебошад, ки 52%-ро ташкил медиҳад. Сипас хушунати психологӣ- 29.6%, хушунати ҷисмонӣ- 6.6%, хушунати иқтисодӣ - 11.2% ва хушунати ҷинсӣ- 0.4%  ҳиссаҳои муайянро ташкил медиҳанд. Муфассалтар оиди ҳиссаи намудҳои хушунат дар поён оварда шудааст:

1. Таҳқир ва ранҷонидан: 31.3%
2. Лату кӯб: 16,4%
3. Айбдоркунӣ (пиронсолон барои оилаи худ бори иловагӣ мебошанд, онҳо ба ҳеҷ кас лозим нестанд):28,2%
4. Нафаре аз аҳли оила нафақа, маблағи ғункарда ва моликияти пиронсолро бе розигияш азхуд мекунад: 18.1%
5. Ғамхории тиббиро рад мекунанд/ба шифокор муроҷиат намекунанд: 13.1%
6. Дорувории заруриро намехаранд: 19.2%
7. Либос намехаранд: 20.2%
8. Хӯроки мувофиқ намедиҳанд: 29.7%
9. Нигоҳубини нодуруст (ҷойгаҳ ва либоси чиркин):25.2%
10. Аз имконияти дидорбинӣ бо ҳамсоягон, дӯстон ва хешовандон маҳрум кардан: 10.4%
11. Танҳо тарк кардан, мавҷудияти онҳоро фаромуш кардан:  22.1%
12. Аз хона рондан:9.8%
13. Бе розигияшон ба хонаи пиронсолон монда рафтан: 3.4%
14. Зӯроварии ҷинсӣ: 1%

Барои муқоиса ҳиссаи намудҳои хушунатро дар 3 вилоят дида мебароем:

**Ҷадвали 12:**

| # | Навъҳои хушунат | Суғд | НТМ | Хатлон |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Таҳқир ва ранҷонидан | 5.9% | 47.5% | 43.2% |
| 2 | Лату кӯб | 2% | 10.1% | 38.9% |
| 3 | Айбдоркунӣ (пиронсолон барои оилаи худ бори иловагӣ мебошанд, онҳо ба ҳеҷ касс лозим нестанд) | 2.9% | 37.4% | 46.3% |
| 4 | Нафаре аз аҳли оила нафақа, маблағи ғункарда ва моликияти пиронсолро бе розигияш азхуд мекунад | 4.9% | 23.2% | 27.4% |
| 5 | Ғамхории тиббиро рад мекунанд/ба шифокор муроҷиат намекунанд | 4.9% | 19.2% | 15.8% |
| 6 | Дорувории заруриро намехаранд | 2% | 34.3% | 22.3% |
| 7 | Либос намехаранд | 5.9% | 33.3% | 22.3% |
| 8 | Хӯроки мувофиқ намедиҳанд | 3.9% | 37.8% | 48.9% |
| 9 | Нигоҳубини нодуруст (ҷойгаҳ ва либоси чиркин) | 4.9% | 41.4% | 41.4% |
| 10 | Аз имконияти дидорбинӣ бо ҳамсоягон, дӯстон ва хешовандон маҳрум кардан | 2.9% | 17.2% | 11.6% |
| 11 | Танҳо тарк кардан, мавҷудияти онҳоро фаромуш кардан | 2.9% | 33.3% | 30.5% |
| 12 | Аз хона рондан | 0 | 10.1% | 20.2% |
| 13 | Бе розигияшон ба хонаи пиронсолон монда рафтан | 1% | 7.1% | 2.1% |
| 14 | Зӯроварии ҷинсӣ | 0 | 0 | 3.2% |

Чӣ хеле ки мебинем, ҷадвал дар вилояти Хатлон нисбатан зиёд будани хушунатро нисбати пиронсолон нишон медиҳад. Лекин раванди зиёдшавии хушунат нисбати пиронсолон дар НТМ низ баланд аст.

Зӯроварӣ одатан дар оилаҳое рух медиҳад, ки пиронсолон зиндагӣ мекунад: аксар вақт дар оила ҷавонон хушунат нисбати калонсолро раво мебинанд; дигар аъзоёниоила, аз қабили набераҳо; ё ҳамсарони пиронсолон, келинҳо, ки асосан ба хушунати оилавӣ дахл доранд.

Дар раванди пурсиш ба мо гуфтанд, ки хушунат нисбати пиронсолон асосан аз тарафи келинҳо ва наберагон рух медиҳанд.

**Ҷадвали 13: Ки дар оила боиси хушунати пиронсолон мешавад?**




## 2.3. Чаро хушунат нисбати пиронсолон рӯй медиҳад?

Адабиётҳо нишон медиҳанд, ки ба хушунат ва зӯроварӣ якчанд омилҳо таъсир мерасонанд ва ҳар як ҳолати хушунат омехтагии хоси омилҳои ба он таъсиркунандаро дорост. Омилҳои асосӣ инҳоянд:

*Рафтору кирдори таҳқиромезона*

Дар баъзе оилаҳо байни аъзоёни он муносибати бадбинона ва бетарбиявӣ одат шудааст. Шояд фарзандони калонсол замоне аз тарафи волидайн хушунат дида бошанд ва онҳо чунин рафторро омӯхта то ба насли оянда идома ва бурда мерасонанд ва ё шояд дар оила ягон низои ҳалнашуда мавҷуд бошад, ки ба хушунат оварда мерасонад. Оила метавонад таърихи дурударози хушунатро нисбати занро дошта бошад ва онро дар давоми пиронсолӣ низ давом диҳад .

*Асабоният*

Асабоният дар натиҷаи талааботи хеле зиёд ва захираҳои хеле кам ба вуҷуд меояд.
Ҳама намуди хуморӣ шудан, хоҳ майнӯшӣ бошад ва хоҳ нашъамандӣ, ҳама ба вайроншавии фаолияти дурусти инсон оварда мерасонанд. Маҳз ҳамин одатҳо ба хушунат нисбати дигарон оварда мерасонад.

Табъизи пиронсолон / бе маълумотӣ

Табъизи пиронсолон ин нуқтаи назари зараровар нисбати пиронсолон мебошад. Шояд қасдан бошад ва шояд, ки ин тавр набошад, лекин хушунат дар натиҷаи нокифоя будани дониш нисбати раванди пиршавӣ ва эҳтиёҷоти пиронсолон Рӯй медиҳад. Муносибати бераҳмона ва хунукназарӣ дар натиҷаи тасаввуроти манфии дуруғин, ки аз рӯи он пиронсолон нақши судманде надоранд ва бардошти вобастагии зиёди онҳоро надоштани ҷавонон ба вуҷуд меоянд.

*Вобастагӣ*

Дар баъзе ҳолатҳо пиронсолон то дараҷае барои кӯмак аз аъзоёни оила вобаста мебошанд. Чунин вобастагӣ боиси сарфи зиёди захираҳои оила ҳам аз ҷиҳати моддӣ ва ҳам аз ҷиҳати психологӣ мегардад, ки замина ба хушунату зӯроварӣ мегузорад

Пурсиши мо нишон дод, ки сабаби асосии хушунат нисбати пиронсолон камбизоатӣ мебошад, ки 30%-и ҷавобҳоро ташкил медиҳад. Сабаби дигар майпарастӣ мебошад, ки 18,7%-и ҷавобҳоро ташкил мекунад.

**Ҷадвали 14: Асоси дастанӣ ба хушунат**



Пурсидашудагон ҳамчунин баён карданд, ки дараҷаи хушунат дар 10 соли охир аз сабаби баланд шудани сатҳи камбизоатии аҳолӣ дар Тоҷикистон баланд шудааст.

**Ҷадвали 15: Ба фикри шумо хушунат нисбати пиронсолон чи тавр?**




Хусусияти мавсимии зӯроварӣ ва хушунат нисбати пиронсолон собит сохт, ки норасогии қувваи барқ дар зимистон, ки сабаби барои гарм шудан ба як ҷой ҷамъ шудани аҳли оила мегардад, боиси аз якдигар дар қаҳру ғазаб шуда пиронсолонро барои шароити ноқулайи зист гунаҳкор кардани насли ҷавонтари оила мегардад. Дар раванди пурсиш 62,7% зимистонро ва 14,7% баҳорро чун мавсими асосии рух додани хушунат нисбати пиронсолон номбар карданд.

**Ҷадвали 16: Сабабҳои мавсими будани хушунат нисбати пиронсолон**



Ҳолатҳои хушунат натанҳо аз сабаби он, ки он бояд дар оила монад, инчунин аз сабаби он, ки надонистани роҳҳои алтернативӣ низ мебошад. Осебдида намедонад оиди хушунат ва зӯроварӣ ба куҷо муроҷиат кунад. Пурсиш нишон дод, ки 72% намедонанд, дар ҳолати хушунат ва зӯроварӣ ба куҷо муроҷиат кунанд. 36.8% ба ҳукумат меравем гӯён ҷавоб додаанд ва танҳо 13%-и пурсидашудагон қайд кардаанд, ки онҳо агентиҳои ғайридавлатӣ ва Марказҳои Бӯҳрониро, ки дар ҳолати хушунат ва зӯроварӣ аз онҳо кӯмак хостан мумкин аст, медонанд.

Дар байни онҳое, ки агентиҳои ғайридавлатиро, ки дар ҳолати зӯроварӣ нисбати пиронсолон аз онҳо кӯмак гирифтан мумкин аст, ҷавоби мусби доданд, 2,7% - Маркази занони Гулрухсор, 5.7% - Маркази занони Ғамхориро номбар карданд. Қисми ками боқимонда САҲА, Шуъбаи кор бо оила, ҳукумати маҳаллӣ, кумитаи занон ва ғайраро номбар карданд.

## 3. Меъёри хушунат нисбати пиронсолон дар вилоятҳои таҳти ҳадафи барнома

### Натиҷаҳои пурсишҳои ҳамаҷониба

(Суғд, Хатлон ва Ноҳияҳои Тобеи Марказ(НТМ))

Сӯҳбати ҳамаҷониба дар раванди пурсиш бо кормандони Марказҳои Бӯҳронӣ, милитсия, кумитаи занон, сарварони ҷамоатҳо, Хонаҳои Пиронсолон, Марказҳои тиббӣ, агентии давлатӣ оид ба меҳнат ва ҳифзи иҷтимоӣ гузаронида шуд.

Сӯҳбат нишон дод, ки дар вилоятҳои мазкур намудҳои гуногуни хушунат ва зӯроварӣ аз қабили психологӣ, иқтисодӣ, ҷисмонӣ, гоҳ-гоҳ ҷинсӣ ва хунукназарӣ вуҷуд доранд. Лекин ҳолатҳои муносибати зӯроварии ҷинсӣ дар вилоятҳои Суғд ва Хатлон низ ошкор шуд.

Дар натиҷаи сӯҳбатҳо маълум шуданд, ки хушунат ва зӯроварӣ нисбати пиронсолон гоҳ-гоҳ ошкор карда мешаваду халос. Баъзе осебдидагон хушунат ва зӯровариро нисбати пиронсолонро ошкор намекунанд, чунки:

- Ин аз ҷиҳати маданияти маҳал ғайри қобили қабул аст; онҳо аз ошкор кардани он, ки аъзои оилаи худашон онҳоро ранҷ медиҳад ва ё пулашонро медуздад шарм медоранд;
- Онҳо барои озуқа, сарпаноҳ, либос ва ғамхории тиббӣ вобастаи онҳое мебшанд, ки хушунат зоҳир мекунанд;
- Онҳо метарсанд, ки вақте ки хушунат ва зӯровариро ошкор мекунанд айбдорони он ба онҳо ягон кори бад карданашон мумкин,
- Онҳо фикр мекунанд, ки полис ва агентиҳои иҷтимоӣ ба онҳо кӯмак карда наметавоананд.
- Сӯҳбатҳои гуногунҷанба инчунин ошкор карданд, ки баъзан оилаҳо, дӯстон, коркунони хизматрасониҳои тиббӣ ва иҷтимоӣ бо сабабҳои зерин шубҳаву гумонҳои худро оиди хушунат нисбати пиронсолон ошкор намекунанд:
- онҳо намедонанд ба кӣ гӯянд,- 15%
- онҳо намедонанд, ки чӣ кор кардан мумкин аст, - 10% онҳо намехоҳанд ба ин масъала ҷалб шаванд, ё – 55%
- пиронсол худаш хоҳиш мекунад, ки ошкор накунанд.- 20%

## 3.1. Вилояти Суғд

Дар вилояти Суғд натиҷаҳои суҳбати ҳамаҷониба нишон дод, ки одамон намехоҳанд оиди хушунати пиронсолон сухан гӯянд. Баъзе ташкилотҳо ва муассисаҳо вуҷуд доштани муносибати бераҳмона нисбати пиронсолонро қабул надоранд. Масалан, Директори Хонаи Пиронсолони ш. Хуҷанд қайд мекунад, ки пиронсолон намехоҳанд ба он ҷо оянд, чунки дар оилаи худ зиндагии хуб мегузаронанд. Аз сӯҳбат бо директор бармеояд, ки ҳолатҳои аз сабаби танқисии молиявӣ волидайни худро ба Хонаи Пиронсолон овардани фарзандон низ мушоҳида мешавад. Худи директор бар он ақида аст, ки ин ҳама таъсири маданияти Ғарб мебошад, чунки пештар Тоҷикон волидайни худро базӯр ба Хонаи Пиронсолон мефиристоданд. Лекин ҳоло 50%-и пиронсолони Хонаи Пиронсолони шаҳр Тоҷик мебошанд. Хонаи Пиронсолони ш. Хуҷанд ба ҷуз хизматрасонии сарпаноҳ додан инчунин дар хонаи худи пиронсолон низ хизматрасониҳои иҷтимоӣ мерасонанд; бо ҳамроҳии пиронсолон ба сайру гашт мебароянд, агар зарур бошад хонаи онҳоро тоза мекунанд ва нафақаи онҳоро мерасонанд ва ғайра. Онҳо танҳо 350 пиронсолони мӯҳТоҷро бо хизматрасонӣ фаро гирифтаанду халос, лекин директор қайд кард, ки миқдори онҳое, ки эҳтиёҷ ба ғамхории иҷтимоӣ дар хонаи худ доранд, хеле зиёд аст. Аз рӯи маълумоти ӯ 200 нафари дигар ниёз ба чунин ғамхорӣ доранд. Ба он асосан ғамхории иҷтимоии «ҷисмонӣ», ки ба пиронсолон дар хона ва ё дар Хонаи Пиронсолон кормандони иҷтимоӣ мерасонанд, дохил мешаванд. «Кормандони иҷтимоӣ таҷрибаи кофии корӣ надоранд. Ба онҳо чӣ тавр бо аҳли оилаи пиронсоли дучори хушунатшуда сӯбат кардан, чӣ тавр бо осебдидагони хушунат муносибат кардан омӯзонида нашудааст. Агар корманди иҷтимоӣ аз хушунат ва зӯроварӣ нисбати нафаре огаҳ шавад, ӯ ба полис хабар медиҳад» қайд кард директор.

Дар сӯҳбат бо муфаттиши полис ба мо гуфтанд, ки ҳолатҳое рух додааст, ки пиронсолон бо осебҳои гуногун ба монанди шикастани даст аз тарафи аъзоени оилаи худ ба полис мурожиат карданд. Соли гузашта парвандае дида баромада шуд, ки зани 73-соларо ҳамсояи нашъамандаш таҷовузи ҷинсӣ карда буд. Зан ба полис мурожиат кард ва парвандаи ҷиноӣ боз шуда хушунатгар ба ҳабс гирифта шуд.

Аксар осебдидагони хушунат ва зӯроварӣ ба Маркази Буҳронии Занонаи Гулрухсор оварда мешаванд. Кормандони маркази мазкур ба осебдидагони хушунат сарпаноҳ ва хизматрасонии ғамхории рӯзонаро фароҳам меоваранд. Маркази Бӯҳронӣ дар давоми 24 соат омодаи кӯмак аст. Онҳо ба наздики зани 50-солаеро, ки аз тарафи фарзандони худ лату кӯб шуда буд ба ҳимояи худ гирифтанд. Фарзандонаш ӯро барои ба онҳо ҳуҷраи алоҳида нахариданаш гунаҳкор каданд. Зан бо духтари худ муддати якчанд моҳ, то он даме, ки кормандони иҷтимоӣ бо воситаи полис фарзандони ӯро ором накарданд, дар ТҶ Гулрухсор истиқомат кард. Директори ТҶ «Гулрухсор» Малика Мирзобаҳодурова қайд кард: «Сабаби асосии хушунат ва зӯроварӣ нисбати пиронсолон камбизоатӣ мебошад. Ҷавонон аз сабаби надоштани кор асабӣ мешаванд. Сипас онҳо барои ҳаёти нокоми худ волидайнро айбдор мекунанд. Бисёр ҳолатҳои хушунат ва зӯроварӣ тавассути телефони боварӣ ва ё бевосита ба маркази мо омада мерасанд».

Маркази Бӯҳронӣ бо муфаттиши полис оид ба хушунати дохилиоилавӣ ҳамкории васеъро ба роҳ монда аст. Дар сӯҳбат бо муфаттиш ӯ ба мо гуфт, ки вақте ки зан ба полис мурожиат мекунад таҷовузгар танҳо огоҳӣ дода мешавад, ки дигар ин корро такрор накунад. Гоҳо ӯ ба ҳуҷҷате, ки тибқи он ӯ ваъда медиҳад, ки дигар такроран занро намеранҷонад вагарна «оқибатҳои ҳуқуқӣ»-ро интизор мешавад, имзо мекунад. Ҳангоми муносибати бераҳмона нисбати пиронсолон низ мо аввал бо гунаҳкор сӯҳбат мекунем ва шахси пиронсолро ба Маркази Бӯҳронӣ мефиристем.

Аз рӯи ақидаи ҳуқуқшиноси Хизматрасонии Ғамхории Иҷтимоӣ назди Вазорати Меҳнат ва Ҳифзи Иҷтимоӣ дар ш. Хуҷанд, муносибати бераҳмона нисбати пиронсолон таъсири маданияти Ғарб аст; мо арзишҳои миллии худро аз даст додаем. Камбизоатӣ ва бекорӣ

низ сабаби хунукназарӣ нисбати пиронсолон мешавад. Лекин чаро волидайн гунаҳкор дониста шаванд? Ӯ қайд кард, ки шоҳиди ҳолате шуда буд, ки зани пиронсолро беҳуш, бидуни либос ва ҳуҷҷат ба маркази ғамхорӣ аз мошин партофта рафтаанд. ӯ барои дарёфти ҳуҷҷат ба он зан кӯмак кард. Инчунин ӯ ба мо ҳолати зеринро нақл кард:

*Зани 68-сола аз ноҳияи Ҷаббор Расулов ҳуҷраи якхонагӣ доштааст. Шахси ба ӯ ғамхорӣ кунанда ҳуҷҷатҳои хонаро дуздида онро сохтакорона ба номи худ гардонидааст. ӯ ҳангоми ба Ӯзбекистон ба дидори хешовандон рафтани он зан ба ӯ ваъда додаст, ки ҳуҷраашро фурӯхта медиҳад. Вақте пас аз чанд муддат ӯ баргашт дар ҳуҷраи худ шахсони бегонаро, дид, ки зиндагӣ мекарданд. Ҳангоми парвандаро омӯхтани полис ӯ маҷбур шуд, ки аз Хонаи пиронсолон сарпаноҳ талабад. Парвандаи мазкурро ба ман доданд ва ман тавонистам ҳуҷраи ӯро ба худаш баргардонам. Лекин дар давоми дида баромадани парвандаи мазкур он зан чунон мушкилӣ ва асабониятро аз сар гузаронид, ки он ба саломатии ӯ зарар расонид. ӯ тавонист каме маблағ ба даст оварад ва онро барои пардохти қарз ва баргаштан ба назди хешовандони дури худ дар Ӯзбекистон сарф кард.*

### 3.2. Ноҳияҳои Тобеи Марказ

Сӯҳбати ҳамаҷониба дар Ноҳияҳои Тобеи Марказ (НТМ) нишон дод, ки дар ин минтақа низ ҳолатҳои муносибати бераҳмона нисбати пиронсолон бо ҳамон тамоюле, ки хоси вилояти Суғд буд, мушоҳида мешавад. Парвандаҳои муносибати бераҳмона нисбати пиронсолон асосан ба Маркази бӯҳронӣ ва Кумитаи кор бо занон ва масоили оилавӣ бурда мешаванд.
“Дар мо ҳолатҳое дучор мешаванд, аъзоёни оилаҳо маблағ ва моликияти шахси пиронсолонро кашида мегиранд ва нодуруст истифода мебаранд”, қайд кард сарвари кумитаи занон ва масоили оилаи ш. Ҳиссор. ӯ воқеаи зеринро нақл кард:

*Зани пиронсол, ки писараш ба Русия рафта буду бо келинаш истиқомат мекард, аз тарафи келинаш муносибати хунукназаронаро эҳсос мекунад. Хусусан вақте ки бемор мешавад, бо баҳонае, ки писараш аз Русия барои доруҳарӣ пул нафиристонидааст, ба ӯ дору намехарад ва мегӯяд, агар ӯ мурад беҳтар аст, чунки ӯ барои оила бори зиёдатӣ аст ва тез-тез бемор мешавад ва ба ӯ ғамхорӣ кардан лозим аст. Боре келинаш аз хоҳаронаш хоҳиш мекунад, ки хушдоманашро лату кӯб кунанд. Зани пиронсол намехост оиди ин ба полис муроҷиат кунанд . Аз ин рӯ ҳамсояҳо ба ӯ маслиҳат доданд, ки Кумитаи Занон муроҷиат кунад ва ҳамин тавр ҳам шуд. Кумитаи мазкур барои оиларо аз нав муттаҳид кардан кӯшиш кард, лекин баъдтар дигар чорае андешида нашуд.*

Қобили қайд аст, ки Кумитаи Занон имрӯз ҷузъи барномаи занони СММ мебошад, ки базаи маълумотҳоро оиди ҳолатҳои хушунат ва зӯроварӣ нисбати занон ғанӣ мегардонад. Кумитаи мазкур дар Ҳисор инчунин ба барномаи Иттиҳоди Аврупо ҷалб карда шуд, ки дар он 4 корманди иҷтимоӣ барои ба маъюбон кӯмаки иҷтимоӣ расонидан омӯзонида шуданд, ки дар байни он маъюбон пиронсолон ҳам буданд. Онҳо ба хонаи маъюбон ташриф меоваранд ва ба эҳтиёҷмандон кӯмаки психологӣ ва иқтисодӣ мерасонанд. Сарвари Кумитаи Занон бар он ақида аст, ки пиронсолони маъюб бисёртар эҳтимоли дучори муносибати бераҳмона шудан доранд. Ҳамин ақидаро кормандони Маркази Бӯҳронии ТҶ тасдиқ карданд. На танҳо онҳое, ки бемории рӯҳӣ доранд, балки онҳое, ки бемор ва маъюб ҳастанд дар хатари дучори муносибати бераҳмона шудан ҳастанд. Аммо як чиро бояд, зикр кард, ки онҳое, ки дар хатари дучори муносибати бераҳмона шудан нестанд, худро дар вазъият ва ҳолатҳои ногувор ва муносибати таҳқиромезона ҳис мекунанд.

*Зани 68-солаи рус аз тарафи шахсе, ки ба ӯ ғамхорӣ мекард, бераҳмона таҳқир карда мешавад. ӯ маъюб ва бистарӣ аст. ӯ хонае дошт, ки онро ҳамсояҳо мунтазам талаву тороҷ мекарданд. Шахсе, ки ба ӯ ғамхорӣ мекунад, инро медонад ва худ низ ба ин даст дорад. ӯ инчунин аз нафақаи ин зан сӯистифода мекунад ва намегузорад, ки ба ӯ ғамхории тиббӣ кунанд. ТҶ Мунис аз ин огоҳ шуда дар ҷустуҷӯи хешовандони ин зан шуд ва ба кӯмаки иҷтимоӣ расонид. Сипас оиди масъала ба милитсия муроҷиат кард. Ҳоло ин зани рус таҳти ҳимояи ТҶ-и мазкур мебошад.*

“Сабаби аз баҳри пиронсолон баромадан ва ё нисбати онҳо хунукназарона рафтор кардан ин ақибмонии иқтисодии мардум мебошад. Аз ин рӯ мо миқдори одамонро дар хонаи пиронсолон зиёд кардем”, қайд кард сарвари Хонаи Пиронсолони Турсунзода (шаҳр дар НТМ). Дар мо ҳолатҳои ба хонаи пиронсолон фиристода шудани пиронсолони оилаҳои маъруф низ мушоҳида мешавад. Лекин сабаби асосии ба хонаи пиронсолон омада мондани пиронсолон аниқ нест. Мо пиронсолони бехонаро қабул мекунем, лекин ҳастанд нафароне, ки фарзандонашон бо розигии худ онҳоро ба ин ҷо овардаанд. Пиронсолон бар он ақидаанд, ки пешгирӣ ва ё аз байн бурдани муносибати бераҳмона нисбати онҳо хеле кори мураккаб аст, чунки онҳо худашон намехоҳанд алайҳи онҳое, ки нисбати онҳо бераҳмона муносибат мекунанд, шикоят кунанд. Онҳо аз он меҳаросанд, ки дигарон ба онҳо бовар намекунанд. Онҳо муносибати бераҳмонаро баъзан дарк ҳам намекунанд. Яке аз сабабҳои ошкор нашудани муносибати бераҳмона нисбати пиронсолон ин  вобастаигии иқтисодии наздикон будани пиронсолон мебошад.

### 3.3.Вилояти Хатлон

Ҳангоми сӯҳбат бо корманди Маркази Бӯҳронии ТҶ Ғамхорӣ онҳо бисёр вақт дучори масъалаи муносибати бераҳмона нисбати пиронсолон гаштанд. Пиронсолон асосан дучори муносибати бераҳмонаи рӯҳӣ ва иқтисодӣ мешаванд, лекин ҳолатҳои муносибати бераҳмонаи ҷинсӣ низ мушоҳида мешавад. Зане дар Маркази Бӯҳронӣ баён кардааст, ки ӯ аз тарафи шавҳараш зӯроварии ҷинсиро аз сар мегузаронад. Шавҳараш ҳар шаб бо ӯ алоқаи ҷинсӣ мекунад вале ӯ бемор аст ва инро намехоҳад. Шавҳараш ба ӯ дӯғ мезанад, ки дар ҳоли аз ҷимоъ саркашӣ карданаш бо дигар зани ҷавон хонадор мешавад. Зани пиронсол танҳоиро намепазирад чунки ӯ аз ҷиҳати молиявӣ тобеи шавҳараш аст ва ӯ маҷбур аст рафтори бераҳмонаи шавҳарашро бардорад.

Тибқи маълумоти корманди соҳаи тандурустӣ дар маркази саломатии маҳаллӣ, шахси рафтори бераҳмона карда иҷозат намедиҳад, ки касе ба дидори шахси пиронсол ояд ва ё бо ӯ сӯҳбат кунад. Пиронсол аз ҷамъият, хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва ҳатто аз дигар аъзоёни оила ҷудо карда мешавад. Ӯ қайд кард, ки зани пиронсолеро медонист, ки дар ошёнаи чорум истиқомат мекард ва ба ӯ иҷозат дода намешуд, ки ба берун барояд. Вақте ки ӯ аз ин рафтори оилааш ба ҳамсоягон шикоят кард, писараш бераҳмона ӯро лату кӯб кард ва ба берун баромадани ӯ тамоман қатъ гардид.

Дар маҷмӯъ вазъият дар Хатлон муташанниҷ аст. Дараҷаи камбизоатӣ дар ин ҷо нисбат ба дигар вилоятҳои таҳти ҳадаф баланд аст. Миқдори одамони ба Маркази Бӯҳронӣ ва кумитаи занон муроҷиаткунанда зиёд аст. Дар Маркази Бӯҳронӣи ТҶ Ғамхорӣ баён кардаанд, ки ба маркази онҳо ҳамарӯза пиронсолон барои кӯмак муроҷиат мекунанд ва аксар вақт онҳо аз хунукназарӣ ва фишори рӯҳии аъзоёни оилаи худ шикоят мекунанд.

*Ҷаҳонгири 37-сола аз Хатлон, нашъаманд аст ва вақте ки модараш аз додани маблағ саркашӣ мекунад ӯ аз мӯи модараш мекашад. Он зан гуфт, ки “Муамоҳои оилавӣ бояд дар оила монанд” “Ман аз чунин рафтори фарзандам узр мепурсам. Гуфт ӯ ба ҳамсояи худ. Ин айби ман аст. Ман ӯро дуруст тарбия накардам ва ӯро аз нашъамандӣ ҳифз карда натавонистам.”*

Тибқи маълумоти муфаттиши полис оид ба хушунати ҷинсӣ, дар бисёр ҳолатҳо барои оштӣ додани аъзоёни оила онҳо ҳамаи аъзоёни оила ва намояндагони кумитаи маҳалларо ҷамъ мекунанд. Ӯ қайд кард, ки вазифаи асосии ӯ аз «нигоҳ доштани оила ва монеи тақсимшавии он гаштан» иборат аст.

Ҳолати мазкур бо фармони Вазири корҳои дохилӣ оиди бо оилаҳои муаммовӣ корҳои профилактикӣ гузаронидани муфаттишони полис, ки моҳи декабри соли 2008 баромадабуд, мувофиқат мекунад.

Имконият ва тавоноии онҳое, ки дар минтақаи шаҳри Қурғон-теппа бо онҳо сӯҳбат гузаронида шуд, аз онҳое, ки аз дигар манотиқи кишвар мебошанд, кам мебошанд. Дониши онҳо оиди мафҳуми хушунати зидди пиронсолон ва сабабҳои он низ номуайян буд. Сифати хизматрасониҳои ба пиронсолон пешниҳодшаванда нисбат ба НТМ ва вилояти Суғд каме паст буд. Масалан ба саволи «Шумо ба ҷудокунӣ ва хунукназарӣ нисбати пиронсолон чӣ гуна назар доред?» намояндагони Хонаи Пиронсолони ш. Қурғонтеппа гуфтанд: «Мо онҳоро бо хӯрок ва сарпаноҳ таъмин мекунем ва ин кофӣ аст». Лекин дар Суғд ва НТМ дар Хонаҳои Пиронсолон корҳои табобатӣ ва пиронсолонро ба корҳои гуногун банд кардан ва ғайра. истифода бурда мешавад.

Ба ҳар ҳол дар Хонаи пиронсолони ш. Қурғонтеппа ба мо оиди якчанд ҳолатҳои муносибати бераҳмона нисбати пиронсолон маълумот доданд:

*Марди пиронсоли Тоҷик муддати солҳои зиёд дар Русия кор кард. Дар Русия ӯ маблаги зиёд кор карда натавонист ва ба ватан ба оилаи худ баргашт. Оилааш ӯро бе пул қабул накарданд ва ӯро зада ронданд. ӯ бехона монд ва пас аз муддате аз хонаи пиронсолони ш. Қургонтеппа сарпаноҳ хост.*

Корманди тиббӣ аз беморхонаи ноҳияи Хуросон  қайд кард, ки пиронсолон одатан аз рафтори ношояме, ки нисбати онҳо раво дида мешавад, шарм медоранд ва аз ин рӯ онро ба ҳеҷ кас ошкор намекунанд. Шарм аз тарс сарчашма мегирад; тарси он, ки вақте ки дигарон аз ҳақиқати ҳол огаҳ мешаванд, онҳоро ва ё аҳли оилаи онҳоро бераҳмона қазоват мекунанд ва ё тарс аз он ки танқиди онҳо хеле ҳам шармандаовар мешавад ва онҳо аксар вақт худро айбдор мекунанд.

## 4. Хулоса ва пешниҳодот:

Пурсиши гузаронидашуда нишон дод, ки хушунат нисбати пиронсолон дар Тоҷикистон вуҷуд дорад ва он афзоиш карда истодааст. Навъҳои асосии хушунат ва зӯроварӣ, муносибати хунукназарона ва хушунати рӯҳӣ мебошад. Натиҷаҳои  сухбатҳои ҳамаҷониба нишон медиҳанд, ки дар вилоятҳои тахти ҳадафи барнома бартарии муносибати бераҳмонаи рӯҳи нисбати пиронсолон ва бисёр ҳолатҳои пӯшида, ки аз сабаби меъёрҳои мадание, ки тибқи онҳо «хушунат бояд дар хона монад», ба ҳисоб гирифта нашудаанд,  мушоҳида мешаванд. Вазъият дар минтақаи Қупғонтеппаи вилояти Хатлон аз сабаби ҳам зиёд будани ҳолатҳои муносибати бераҳмона дар натиҷаи ақибмонии иқтисодӣ ва камбизоатии шадид ва ҳам маҳдуд будани имконияти таъмингарони хизматрасонӣ, аз қабили милитсия, кормандони кумитаи занон, кормандони иҷтимоӣ дар шуъбаи ҳифзи иҷтимоии хеле шадид гашта аст.

Натиҷаҳои пурсиш муайян карданд, ки муносибати бераҳмона асосан дар хона аз тарафи аъзоёни оила, махсусан аз тарафи кӯдакон ва келинҳо рух медиҳанд.

Сабаби асосии муносибати бераҳмона нисбати пиронсолон дар зимистон ва баҳор баланд шудани сатҳи камбизоатӣ, қатъ гардидани қувваи барқ, норасогии маводи хӯрока, вобастагии пиронсолон аз ҷавонон мебошад ва ин боиси он мешавад, ки ҷавонон нисбати пиронсолон таҳаммулнопазирӣ зоҳир мекунанд. Дар давоми пурсиш мушоҳида карда шуд, ки пиронсолон намехоҳанд оиди хушунату зӯроварӣ нисбати худ сухан гӯянд, чунки пиронсолон вобастагии иқтисодии худро эҳсос мекунанд. Онҳо инчунин ошкор кардани хушунатро нисбати худ шарм ва айб медонанд ва ба ин асосан худро айбдор мекунанд. Билохира масъалаи хушунат ва зӯроварӣ нисбати пиронсолон дар вилоятҳои таҳти ҳадафи барнома эътироф карда шуд. Пурсиш нишон дод, ки 67.1% қабул доранд, ки дар ҷамъияте, ки онҳо дар он зиндагӣ мекунанд, муносибати бераҳмона нисбати пиронсолон рух медиҳад.

Як қатор пешниҳодот инҳоянд:

- Ба вилояти Хатлон, махсусан минтақаи ш. Қурғонтеппа равона кардани амалиётҳои барнома барои таъсир расонидан ва пасткардани хушунат нисбати пиронсолон. Сабаб дар он аст, ки дар ин вилоят хушунат ва зӯроварӣ, дараҷаи камбизоатӣ, ва маҳдудияти имконияти таъмингарони хизматрасониҳои иҷтимоӣ хеле зиёд аст.

- Таҳкими тавоноии хизматҳои иҷтимоии мавҷуда барои ҷавоб додан ба изҳори муносибати бераҳмона нисбати пиронсолон ва дастгирӣ кардани осебдидагони муносибати бераҳмона. Масалан, васеъ кардани имкониятҳои кормандони иҷтимоии Марказҳои Бӯҳронӣ, Мутахассисони Шуъбаҳои кор бо занон, Кормандони соҳаи тандурустӣ, Муфаттишон оиди хушунати дохилиоилавӣ, агар вуҷуд дошта бошад ва ё корманди милитсия.

- Таҳкими тавоноии Ғамхории иҷтимоии ҳамарӯза дар хона. Ин ташабус аллакай дар Тоҷикистон мавҷуд аст. Дар раванди он кормандони иҷтимоӣ бо пиронсолон бевосита дар хонаашон кор мекунанд. Ташаббуси мазкур аз тарафи Вазорати Меҳнат ва Ҳифзи Иҷтимоӣ ва шӯъбаҳои он дар тамоми вилоятҳо пешбинӣ шудааст. Кормандони иҷтимоӣ чӣ тавр ошкор кардани хушунат, чӣ гуна ба қурбониёни он кӯмак кардан ва бо гунаҳкорон кор бурданро меомӯзанд.

- Баланд бардоштани сатҳи дониши мардум оиди хушунат ва зӯроварӣ, хунукназарӣ нисбати пиронсолон тавассути нашриёт, намоишҳои телевизионӣ, сабтҳо, нишастҳои матбуотӣ, мақолаҳо, баҳсҳои оммавӣ. Аҳолӣ тариқи ин роҳҳо оиди муносибати бераҳмона нисбати кӯдак ва хушунати дохилиоилавӣ омӯхта буданд.

- Марказҳои рӯзона барои пиронсолон, ки онҳо метавонанд дар он ҷойҳо ҷамъ шуда масъалаҳои худро баррасӣ кунанд. Дар ин марказҳо кормандони варзидаи иҷтимоӣ хушунатро ошкор мекунанд ва ғамхории мувофиқи иҷтимоӣ фароҳам меоваранд. Ба онҳое, ки гирифтори зӯроварӣ шудаанд, табобат, кӯмаки ҳуқуқӣ, рӯҳӣ фароҳам оварда мешавад ва барои аз нав пайваст шудан ба оилаи худ кӯмак карда мешаванд.

- Аз нав пайвастшавӣ ба оила. Чӣ хеле, ки пурсиш нишон дод, пиронсолони дучори хушунат гашта бояд аз оила ҷудо карда нашаванд. Баракс бояд кор дар байни чунин оилаҳо пурқувват карда шуда ба онҳо дар дохили оила диққати хоса дода шавад. Огоҳии оила аз хушунат нисбати пиронсолон ва инчунини дастгирии оилаҳо барои ба талаботҳои пиронсолон ҷавобгӯ будан хеле муҳим аст.

- Пиронсолоне, ки дар хонаи мӯйсафедон истиқомат мекунанд, диққати махсусро талаб мекунанд. Имкониятҳои коргарони иҷтимоӣ барои муайян кардани осебдидагони хушунат ва зӯроварӣ ва дастгирӣ кардани онҳо бояд васеъ карда шаванд.

## 5. Методология

Барои муайян кардани дараҷаи паҳноварии масоили хушунат нисбати пиронсолон ва нишон додани тамоюли васеи дараҷаи паҳноварӣ ва намуди зӯроварӣ нисбати пиронсолон дар Тоҷикистон, хусусияти мавсимӣ доштан ва ё надоштани он маҷмӯи методҳои сифатӣ ва миқдории тадқиқот истифода бурда шудаанд. Тавассути методи миқдорӣ бо 300 нафар тариқи сӯҳбати рӯбарӯ ва пурсишномаҳо пурсиш гузаронида шуд.

Методи сифатӣ барои ҷамъоварии маълумоти гуногун ва муфассал тариқи сӯҳбатҳои ҳамаҷониба бо муассисаҳои маҳалӣ ба монанди Кумитаи занон, мақомотҳои ҳифзи иҷтимоӣ, милитсия ва ғайра истифода бурда шуд. Инчунин бо марказҳои бӯҳронӣ, хонаи пиронсолон дар Ноҳияҳои интихобшуда сӯҳбат гузаронида шуд, то ҷараёни зиёдшавӣ ва камшавии муаммоҳо, бартарии ин ё он шакли муайяни хушунат нисбат ба дигараш, сабабҳои зиёдшавии хушунат нисбати пиронсолон ва роҳҳои коҳиш додани муаммо ва оқибатҳои он муайян карда шаванд.

Барои пурсиш ба таври интихобӣ якчанд минтақа интихоб карда шуданд. Пурсиш дар 3 воҳиди маъмурии кишвар-- Вилояти Суғд , Вилояти Хатлон ва Ноҳияҳои тобеи марказ гузаронида шуданд. Миқдори пурсидашудагон 100 нафар буд. Дар ҳар як вилоят 4 ноҳия ва дар ҳар як Ноҳияҳо 4-тоги ҷамоат ва ё деҳа интихоб карда шуданд.

Ноҳияҳои таҳти ҳадаф инҳоянд:

Вилояти Хатлон –Қурғон-теппа, Вахш, Хуросон, Бохтар
Вилояти Суғд – Бобоҷон Ғафуров, Истаравшан, Спитамен, Ҷаббор Расулов
НТМ – Турсунзода, Ҳиссор, Шаҳринав, Рудакӣ

Гӯруҳҳои ҳадафӣ барои пурсиш ва сӯҳбатҳои ҳамаҷониба (4/25 сӯҳбат(интервю) дар маҳал, дар маҷмӯъ 16/100 суҳбатҳои ҳамаҷониба дар вилоят, 48/300 дар кишвар) асосан аз хонаводаҳо иборатанд.

Пурсишномаҳо бо ҳам саволҳои пӯшида ва ҳам саволҳои кушода таҳия шуда буданд, то ки меъёри хушунат нисбати пиронсолон, моҳияти он, муносибати наслҳои гуногун нисбат ба муаммо ва роҳҳои ҳал кардани он муайян карда шаванд Бо истифода аз пурсишҳо бартарии якчанд шаклҳои гуногуни муносибати бераҳмона, ба монанди муносибати бераҳмонаи ҷисмонӣ, рӯҳӣ, тиббӣ (дасткашӣ аз хизмати тиббӣ, табобат ва дорӯҳо), ҷинсӣ, иқтисодӣ, ғамхории ночиз, ва инчунин хислати мавсимии онҳо санҷида мешаванд.

Пурсиш ва суҳбатҳои ҳамаҷониба бо дастгирии ТҶ, ки дар соҳаи хушунат нисбати ҷинси мухолиф таҷрибаи васеъ доранд, гузаронида шуд. ТҶҳои интихобшуда инҳоянд:

ТҶ Гулрухсор – Вилояти Суғд
ТҶ Ғамхорӣ – Вилояти Хатлон
ТҶ Мунис - НТМ

Аз ин ТҶ дутояшон-Ғамхорӣ ва Гулрухсор Маркази Бӯҳронӣ доранд. Гулрухсор инчунин ба осебдидагони хушунат сарпаноҳ фароҳам меорад. Ҳар се ташкилот тавоноии бо хушунат сару кор доштанро доранд ва ба осебдидагони хушунат кӯмаки ҳуқуқӣ фароҳам меоранд.

## 5.1. Демографияи пурсиш:

Синни миёнаи пурсидашудагон 42 сола мебошад.

Тақсимоти ҷинсӣ аз 68% занҳо ва 32% мардҳо иборатаст

*Дараҷаи маълумотнокӣ:*

**Ҷадвали 17:**




*Намудҳои фаолият:*

**Ҷадвали 18:**



## Сарчашмаҳо ва адабиёт


Муносибати бераҳмона ва безътиноӣ нисбати пиронсолон (2012) http://www.supremecourt.ohio.gov/JCS/domesticViolence/publications/elderAbuse.pdf
Хушунати оилавӣ: Занҳои пиронсол ҳам қурбони он мебошанд (2005) (http://ncea.aoa.gov/ncearoot/main_site/pdf/publication/OLDERWOMEN2-COLUMNFINAL10-11-05.pdf)

Гузориши АБҲҶ оиди Мушахассоти Ҷинсии Тоҷикистон (2008)
http://www.jica.go.jp/activities/issues/gender/pdf/08taj.pdf

Созмони Авфи Байналхалқӣ (2009) Дучори хушунат, табъиз ва камбизоатӣ шудан
http://www.amnesty.org/en/library/asset/EUR60/001/2009/en/59bb6e9b-727d-496b-b88d-1245a750d504/eur600012009en.pdf

Созмони Авфи Байналхалқӣ (2009) Хушунат танҳо масъалаи оилавӣ нест
http://www.amnesty.org/en/library/asset/EUR60/001/2009/en/59bb6e9b-727d-496b-b88d-1245a750d504/eur600012009en.pdf

Адолати Ғайрирасмӣ дар Тоҷикистон (2012) гузориши Фонди Авруосиё
http://equalbeforethelaw.org/library/informal-justice-tajikistan-role-informal-leaders-providing-and-preventing-access-justice

Хушунати оилавӣ дар Тоҷикистон аз тарафи ҳомиёни Ҳуқуқи Инсон
http://www.stopvaw.org/uploads/tajikistan_3_6_07_layout_-_final_mc.pdf

Арзёбии сиёсати Тоҷикистон оид ба масъааҳои ҷинсӣ (2009), Бозрикова Татяна
Маълумоти омории Маркази Бӯҳронӣ оиди хушунатӣ нсбати ҷинси мухолиф (2010) аз тарафи Бозрикова Татяна

Маълумоти омории Маркази Бӯҳронӣ оиди хушунатӣ нсбати ҷинси мухолиф (2011) аз тарафи Бозрикова Татяна

Хизматрасониҳои иҷтимоии дастрас дар тамоми Тоҷикистон www.land.kiev.ua/opm/

Макони гузондаи тадқиқот




Манбаъ: http://en.wikipedia.org/wiki/Districts_of_Tajikistan




Манбаъ: http://geology.com/world/tajikistan-satellite-image.shtml